Аз 18-ум то 22-юми апрели соли равон дар машкгохи Маркази таълимии «Магоб»-и минтакаи Ромити шахри Вахдат ва машкгохи «Лохур»и нохияи Рӯдакӣ, бо истифода аз кувва ва воситахои чузъу томхои разведкавии Куввахои Мусаллахи давлатхои аъзои Созмони Ахдномаи амнияти дастачамъӣ машкхои муштараки васеи низомӣ, тахти унвони «Чустучӯ-2016» ташкилу ба рох монда мешаванд.

Рӯзи 18-уми апрели соли равон мархилаи нахустини огози машкхои муштараки низомӣ дар майдони сафороии Маркази таълимии “Магоб бо садо додани сурудхои миллӣ ва бардоштани парчамхои давлатии кишвархои ширкаткунандаи аъзои Созмони Ахдномаи амнияти дастачамъӣ ба таври расмӣ шурӯъ гардид.Дар ифтитохи ин чорабинии низомӣ вазири мудофиаи Чумхурии Точикистон генерал-лейтенант Шерали Мирзо, Котиби генералии  Созмони Ахдномаи амнияти дастачамъӣ Николай Бордюжа ва сардори Ситоди муттахидаи ин созмон генерал-полковник Анатолий Сидоров ба сухан баромада, доир ба хадафу мохияти баргузории машкхо дар самти пешгириву муборизаи дастачамъона бар зидди хар гуна амалхои террористиву ифротгароӣ, дастгиру безарар намудани афроди чиноятпеша ва муайян намудану мукобилият нишон додан алайхи хама гуна зухуроти номатлуб ибрози назар карданд.

Кобили зикр аст, ки чунин машкхои муштараки васеи низомии кишвархои ин созмон бо чалби кувва ва воситахои чузъу томхои разведкавӣ бори аввал дар худуди Чумхурии Точикистон гузаронида шуда, ба он хайати нерӯхои разведкавии Куввахои Мусаллахи Чумхурихои Белоруссия, Казокистону Киргизистон, Федератсияи Россия ва Чумхурии Точикистон ширкат менамоянд.

Ба мачмӯи машкхои муштараки низомии чузъу томхои разведкавии Куввахои Мусаллахи давлатхои аъзои Созмони Ахдномаи амнияти дастачамъӣ  беш аз 1500 нафар хайати шахсӣ чалб гардида, хамзамон авиатсияхои чангӣ, артиллерияхои худгард, дастгоххои парвозкунандаи бесарнишин ва силохи мухталифи оташфишон истифода мегарданд. Машкхои муштарак ба таври назариявию амалӣ чараён гирифта, барои хайати шахсии чузъу томхои дар он ширкаткунанда, тамоми шароити заруриӣ  мухайё гаштааст.

Хадафи баргузории машкхои муштараки васеи низомӣ ин сайкал додану баланд бардоштани тачрибаи хайати шахсии ширкаткунандагони машкхо дар самти чамъоварӣ ва тахлил намудани маълумоти разведкавӣ оид ба накшахои душмани эхтимолӣ, муайян намудани хадафхои гаразноки афроди чиноятпеша ва санчидани омодагии сохторхоии

идоравии разведкачиён ва чузъу томхои тобеи он дар ташкили амалиёти муштараки чустучӯӣ, маълумотдихӣ ва дастгиру безараргардонии гуруххои мусаллахи террористӣ, бахри хифзи сохти конститусионӣ ва химояи хама арзишхои давлатхои аъзои Созмони ахдномаи амнияти дастачамъиро дар бар мегирад.